**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Бобиев Исмоил Атоевич дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор**

Бобиев Исмоил Атоевич дар давоми фаъолияти илмӣ-омӯзгориаш ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва раванди таълиму тадрис хеле босамар машғул шудааст. Дар самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаъолияти хубро ба роҳ монда, ба омӯзиши проблемаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи энергетика таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудааст. Аз ин ҷост, ки дар ҷараёни ошноӣ бо муаммоҳои рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳақиқ хулосабарориҳои дуруст намуда, бахри ҳалли ин муаммоҳо ба таҳқиқи ҷанбаҳои методологӣ ва ташкилии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ кушиш намуда, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсияи номзадии худро асоснок намудааст.

Бобиев Исмоил Атоевич дар кори конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ иштироки фаъолона дошта, вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидааш мақолаҳои илмиро аз фаслҳои асосии диссертатсияаш омода намуда, дар маҷаллаҳои илмии Тоҷикистон ва берун аз он нашр кардааст.

Дар давоми фаъолияти илмию педагогии худ Бобиев Исмоил Атоевич худро чун муҳақиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст муайян намуда, бахри ҳалли онҳо кушиш ба харҷ додааст. Дар ҷараёни навиштани кори диссертатсионӣ ӯ доираи васеъи адабиёти илмии ватанию хориҷиро оид ба мавзӯи таҳқиқот омӯхта, дар асоси онҳо хулосабарориҳои дуруст оид ба ҳалли муаммоҳои рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментиро пешниҳод кардааст.

Дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ Бобиев И.А. зиёда аз 60 корҳои илмии худро чоп намудааст, ки зиёда аз 10-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқот ва ҳал намудани вазифаҳои гузошташудаи ба он

алоқаманд, корҳои илмии назариявии муҳақоқон-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалиро ба таври васеъ истифода будааст.

Дар давраи кунунӣ дастнавис се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар корхонаҳои саноати энергетика баррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карда шудааст, инчунин муаммоҳои истифодабарии СБҲМ дар раванди ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментии холдинги энергетикӣ, таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ ва имкониятҳои истифодабарии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Дар боби дуюм – “Ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар низоми ҳисобдории ширкати энергетикӣ” – омӯзиши масълаҳо марбут ба муносибгардонии сохтори ташкилии хадамоти баҳисобгирӣ-молиявии субъекти иқтисодӣ дар шароити бурдани баҳисобгирии сегментӣ, таҳия ва бунёднамоии низоми баҳисобгирии сегментӣ дар ширкати энергетикии ватанӣ – ШСХК «Барқи тоҷик» ба роҳ монда шуда, раванди ташаккули низоми баҳисобгирии сегментӣ бо истифода аз нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ва дигар усулҳо нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия масъалаҳои мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯи сегментҳои фаъолият дар низоми идоракунии ширкатҳои энергетикиро фаро гирифтааст. Инчунин дар диссертатсия рушди усулҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар саноати эенргетика, роҳҳои такмили баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар сегментҳои амалиётии ширкати энергетикӣ, самтҳои асосии такмили баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ аз рӯи сегментҳои фаъолият, бизнес-ҷараёнҳо, методикаи ташаккули ҳисоботи сегментии маҷмӯӣ дар холдингҳои энергетикӣ ва такмилдиҳии мундариҷаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои комплекси энергетикӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Интиҳои мантиқии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулоса ва тавсияҳои муаллиф инъикос гардидааст, ки он дар натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ ба даст омадааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур фарогири масоили гуногунҷабҳаи рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба муаллиф муясар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологӣ ва методӣ-ташкилии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконят фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба роҳҳои такмилдиҳӣ ва рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетикӣ мухтасар баён намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва ташклиии рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика мебошад. Доштани малакаҳои таҳлилӣ ва мантиқӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ-методологӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар таҷриба санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳамияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳои кор аз тарафи корхонаҳои ШСКХ «Барқи тоҷик» аз аҳамияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар раванди иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамбаст карда шудааст, усулҳои гуногун, муқоисакунӣ, комплексӣ, таҳлилӣ, оморӣ, риёзӣ, ҷамъбасткунии маводи оморӣ ва ғ. истифода карда шудааст.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло қайд кардашударо ба назар гирифта чунин мешуморем, ки Бобиев И.А. вазифаҳои расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро намудааст.

Диссертатсия мантиқан ба анҷом расида ва кори илмии мустақилона иҷрошуда буда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман асоснокардашуда ва тавсияҳои амалии оид ба рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Сохтор, мӯҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**